Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА – 017 назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734024, шаҳри Душанбе, кӯчаи Айнӣ 44)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Изатуллои Ҳабибзод дар мавзуи “Самтҳои асосии устуворгардонии амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051000 – Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ (6D051003-Амнияти иқтисодӣ) пешбинӣ шудааст.**

Амнияти иқтисодӣ яке аз афзалиятҳои асосии ҳар як кишвар ба шумор рафта нақши калидии он ташаккул ва мустаҳкам намудани мавқеи давлат дар системаи ҷаҳонӣ мебошад. Асоси рушди равандҳои иҷтимоию иқтисодии ҳар як кишвар аз таъмини амнияти иқтисодии он вобастагии зич дорад. Дар баробари ин амнияти молиявӣ ҳамчун таркиби асосии амнияти иқтисодӣ ба шумор рафта таъмини он яке аз афзалиятҳои ҳар як кишвар ба шумор меравад.

Бинобар ин сабаб таҳқиқоти мазкур алалхусус устуворгардонии амнияти молиявии кишвар яке аз масъалаҳои афзалиятнок барои Ҳукумати мамлакат ба шумор рафта, таҳқиқи мавзуи мазкур саривақти ва мубрам ҳисобида мешавад.

Инчунин аз тарафи муаллиф дар автореферат қайд гардидааст, ки вобастагии сатҳи таъмини амнияти иқтисодӣ аз сатҳи мустақилияти молиявии мамлакат, сиёсати дохилию берунии молиявию қарзӣ, фазои мусоиди сиёсӣ ва таъминнокии фаъолияти бахши молиявӣ аз рӯйи ҳуҷҷатҳои қонунгузорӣ ва меъёрӣ ошкор карда шудааст, ки ин бевосита қадами аввал ва муҳим барои устуворгардонии амнияти молиявӣ ба шумор меравад.

Боиси қайд аст, ки аз ҷониби муаллиф дар рафти таҳқиқот таҳлили барзиёди адабиётҳои иқтисодӣ гузаронида шудааст, ки ин сабабгори коркарди асосҳои назариявӣ ва амалии самтҳо, усулҳо ва равишҳои асосии устуворгардони амнияти молиявӣ гардидааст.

Дар автореферат муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, ки бештар асарҳои олимони ватаниро доир ба устуворгардонии амнияти молиявӣ мавриди омӯзиш қарор диҳад. Хулосаю тавсияҳое, ки муаллиф аз натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда пешниҳод намудааст, барои устуворгардонии амнияти молиявии кишвар самарабахш ҳисобида мешавад. Дар баробари

бартариятҳои қайдгардида, дар таҳқиқот баъзе хатогиҳои мубоҳисавӣ ба чашм мерасанд.

1. Дар саҳифаи 15-и автореферат аз ҷониби муаллиф қиммати ҳадди ҳудудии таваррум барои шарикони воридотии Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо дар мисоли Ҷумҳурии Халқии Чин, Туркия ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон ҳисоб карда шудааст. Сифати кор боз ҳам беҳтар мегардид, агар чунин нишондиҳанда дар мисоли шарикони содиротии Ҷумҳурии Тоикистон низ ҳисоб карда мешуд.

2. Ҳамзамон беҳтар мешуд агар аз ҷониби муаллиф истилоҳи ба ҷойи истилои "шарикони воридотии Ҷумҳурии Тоҷикистон" истилои "шарикони тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон"-ро истифода карда мешуд.

Камбудиҳои зикршуда, ба фикри мо, ҷузъӣ буда, сифати баланди кори илмиро паст намекунад.

Хулоса, автореферати диссертатсия аз рӯйи таркиб ва мазмуни худ кори мустақилонаи илмӣ буда, аҳаммияти илмӣ ва амалӣ дорад. Аз ин рӯ кори илмӣ ба талаботҳои 31 ва 33-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст ҷавобгӯй буда, муаллифи он Изатуллои Ҳабибзод арзандаи дараҷаи доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051000 – Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ (6D051003 - Амнияти иқтисодӣ) мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

д.и.и., Ректори Донишгоҳи давлатии Данғара Хайрзода Ш.Қ.

Имзои Хайрзода Ш.Қ-ро тасдиқ мекунам
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Данғара Тоирзода С.Т.

(Мӯҳр: ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН • ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ДАНҒАРА • ШУЪБАИ КАДРҲО)

**Суроға:** 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон,

вилояти Хатлон, ноҳияи Данғара, кӯчаи Марказӣ 25

**E-mail:** dddangara 2013@mail.ru **Тел: 833122806**